# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 - Забони тоҷикӣ). – Душанбе, 2024. – 53 с.**

Пажуҳиши осори адибон имконият медиҳад, ки дар забоншиносии тоҷик ба мақоми калима дар таркиби ҷумла, хусусиятҳои савтӣ, рушди маъно ва имкониятҳои морфологию калимасозии он баҳои ҳаққонӣ дода шавад. Баррасии масъалаи истифодаи диалектизмҳо дар осори мансури адибони тоҷик барои инкишофи нутқи адабӣ ва адабии гуфтугӯии ҷомеа, дарки матлаб, баёни кутоҳу муҷаз, ҳозирҷавобӣ, беҳтар гардидани маданияти гуфтори одамони синну соли гуногун мусоидат менамояд.

Роҷеъ ба ин, муҳаққиқ тасмим гирифааст, ки ба мақоми диалектизмҳо, анвои онҳо, омилҳои роҳ ёфтанашон ба забони асари бадеӣ, мақсадҳои услубию фардии адибон дар офаридани образҳои гуногун ва ҳодисаҳои мухталиф, нишон додани муколамаи байни персонажҳоро дар заминаи маводи асарҳои насрии адиби шинохтаи тоҷик – Сорбон, ки интихобу истеъмоли калимаҳои лаҳҷавии осори ӯ дар робита ба инъикоси ҳодисаву рӯйдодҳои гуногун дар ин ё он маҳали ҷуғрофӣ, ки ба ҳудуди интишори шеваю лаҳҷаҳои забонамон – шеваи шимолӣ, лаҳҷаҳои гузаранда ва шеваи ҷанубӣ мувофиқ меоянд, муайян намояд.

Диссертатсия фарогири муқаддима, се боб (бо фаслҳо), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқ иборат буда, фарогири 188 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

**Дар муқаддимаи** автореферат муаллиф перомуни таҳқиқи асарҳою мақолаҳои марбут ба роҳҳои истифодабарии диалектизмҳо андешаҳояшро баён намуда, якчанд масъалаи марбут ба мавзуъ, махсусан, масъалаи баррасии лингвистии диалектизмҳоро дар осори Сорбон дар шакли

ҷамъоварию гурӯҳбандиӣ диалектизмҳои осори мансури Сорбон, нишон додани мафҳуми диалектизм ҳамчун объекти тадқиқи илми забоншиносӣ – хосса бахши услубшиносии он, оростани баҳси илмӣ пиромуни анвои диалектизмҳо ва дар забони асари бадеӣ хусусиятҳои услубӣ зоҳир кардани онҳо, таҳқиқи омилҳо ва зарурати истифодаи диалектизмҳо дар забони осори мансури замони истиқлол; муайян намудани мансубияти диалектизмҳо ба лаҳҷаҳои тоҷикӣ ва доираи интишори онҳо ва н ақши навъҳои гуногуни диалектизмҳо, мақому мавриди истеъмоли онҳо ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар офаридани образҳои мусбат ва манфиро аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ бо дигар асарҳои илмӣ андоза намудааст, ки ин аҳамияти диссертатсияро боз дучанд афзудааст.

**Боби якуми диссертатсия «Диалектизмҳо, мафҳум, таъинот ва зарурати истифодаи онҳо дар асарҳои Сорбон»** ном дошта, аз чор фаслу чор зерфасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб перомуни масоили мафҳуми диалектизм, шарҳи диалектизм аз дидгоҳи муҳаққиқони рус, тафсири истилоҳи диалектизм аз нигоҳи услубшиносони рус, тавзеҳи диалектизм дар забоншиносии тоҷик, диалектизмҳо – объекти пажуҳиши шевашиносии тоҷик, диалектизмҳо – мавзуи баҳси услубшиносии тоҷик, вазифаи диалектизмҳо дар забони асарҳои Сорбон ва маҳорати эҷодии Сорбон дар корбурди диалектизмҳо баррасиҳо анҷом дода шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Таснифоти диалектизмҳо ва таҳқиқи луғавию маъноии онҳо дар осори Сорбон»** унвон дошта, аз чор фаслу се зерфасл таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур муҳаққиқ масоили таснифоти диалектизмҳоро, аз ҷумла, диалектизмҳои фонетикӣ, диалектизмҳои лексикӣ ва диалектизмҳои семантикиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Боби сеюми рисола «Гурӯҳбандии мавзуии диалектизмҳо ва хусусиятҳои луғавию семантикии онҳо дар осори Сорбон»** номгузорӣ шуда, аз се фаслу се зерфасл иборат буда, фасли якум «Матолиби муқаддамотӣ» ном гирифта, доир ба инъикоси ҳодисаву воқеаҳо дар осори Сорбон бо истифода аз калимаҳои умумихалқӣ ва диалектизмҳои

маҳаллӣ хеле гуногунранг сурат гирифтааст, ки онҳо аз рӯйи ифодаи маъно ва вазифаашон дар нутқ низ бағоят рангин мебошанд. Инчунин, дар фасли дуюми ҳамин боб диссертант роҷеъ ба диалектизмҳои предметӣ ва дар фасли сеюм вобаста ба диалектизмҳои ғайрипредметӣ (сифатӣ) таҳқиқот бурдааст.

Дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи муфассалу амиқи диссертатсия ба муаллифи он имкон додааст, ки баррасси лингвистии диалектизмҳоро дар осори Сорбон аз нигоҳи интишор ва доираи истеъмол қотеона нишон дода, барои таҳқиқи минбаъдаи осори Сорбон, ба вижа таҳқиқи диалектизмҳо тавсияҳо диҳад. Диссертатсия дар маҷмуъ, ба муҳаққиқон таассуроти хуб мебахшад. Ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун мақсад ва ҳадафи диссертатсия қарор гирифтаанд, пурра муяссар гардидааст. Дар диссертатсия бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон ба сурати яклухт ва системанок мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди ин, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Азбаски кори илмӣ худ дар диссертатсия аз ҷиҳати забонӣ таҳқиқу баррасӣ мегардад, ба андешаи ин ҷониб унвони мавзуъ “Диалектизмҳо дар осори Сорбон” бошад, кифоя аст.

2. Дар шароити кунунӣ баъзе натиҷагириҳои оморӣ дар диаграмма ва гистограммаҳо дар беҳтар гардидани ҳусну қубҳи кор мусоидат менамоянд, дар фишурдаи диссертатсия чунин нишондод ислифода мешуд, аз манфиат холӣ набуд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ дида мешаванд (саҳ. 13, 19).

Камбудиҳои мавҷуда ислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Муаллиф аз анбуҳи афкори мухталиф ҷавҳареро кашида, тавонистааст, ки баррасии лингвистии диалектизмҳоро дар осори Сорбон ба таври илмӣ исбот менамоянд.

Аз ин рӯ, бо итминон изҳор менамоям, ки автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияи Умедҷони Лоиқшоро дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» ба пуррагӣ инъикос намудааст. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ, мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи номзадии Умедҷони Лоиқшоро дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз**, мудири кафедраи забони
тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
Номзади илмҳои филологӣ: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

Суроға: 73514, Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.Кушониён, ч/д Бустонқалъа, деҳаи
Механизатор, хонаи 42, Тел: (+992) 902017676

Имзои Назаров Меҳрубон Ниёзмадовичро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
Махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.:(83222) 2-45 -20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail. ru, web – сайт:
www.ktsu.edy.tj

«14»-уми майи соли 2024